«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор_________Ибодуллозода А.И.
«_27_»___03___2023.

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи доктор (PhD) Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Диссертатсия дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) иҷро шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 06.09.2022, №2 гузаронида шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Пажуҳиш дар заминаи маводи таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX анҷом ёфта, дар он масъалаҳои зиёди ин давраи таърихи адабиёт, аз ҷумла вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, илмию фарҳангии Осиёи Миёна (аз тарафи Россияи подшоҳӣ забт шудани Осиёи Миёна), таъсири давр ба рӯзгори адибони маорифпарвар, афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Мавзуи диссертатсия «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)» алоқаманд буда, омӯзиши «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» яке аз мавзуҳои мубраму камомӯхташудаи таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб ёфта, як саҳифаи норавшани онро пурра мегардонад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар пояи хуби илмӣ-таҳқиқотӣ қарор дошта, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ комилан ҷавобгӯст. Автореферат ва мақолаҳои ба табърасидаи доктор (PhD) муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ дар 6 мақолаи тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, 5 мақола дар Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва 1 мақола дар Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ нашр шудааст:


1. Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/2. – С. 181-183.
2. Абдураҳмонов, М. С. Муҳаммад Сидиқи Ҳайрат-шоири ошиқ / М.С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/3. – С. 204 – 206.
3. Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 264-266.
4. Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои маорифпарварии Мирзо Сироҷи Ҳаким дар «Туҳафи аҳли Бухоро» / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/5. – С. 169-172.
5. Абдураҳмонов, М. С. Тарғиби илм ва мактабу маориф аз нигоҳи Тошхоҷаи Асирӣ / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 186-189.
6. Худойдодов, А. О., Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Абдуррауфи Фитрат / А. О. Худойдодов, М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 6/ (101). – С. 181-189.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар**

7. Абдураҳмонов, М. С. Маорифпарварӣ: пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули он дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX / М. С. Абдураҳмонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX» бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90 – солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва 110 – солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Холиқ Мирзозода. – Душанбе, 2021. – С. 216-228.
8. Абдураҳмонов М. С. Нақши Абдурраufи Фитрат дар таҳкими робитаҳои адабиёти тоҷику ӯзбек / М.С. Абдураҳмонов// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи « Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда».– Душанбе, 2023. – С. 270-277.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақола интишор шуда, тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи донишгоҳӣ ба МД Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии АМИТ дастрас шуда, дар дарсҳои назариявию амалӣ ва корҳои мустақилонаи факултаҳои тахассусии суханшиносӣ аз ҷониби омӯзгорон ва алоқамандони адабиёт истифода мешавад.

Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузоришу маъруза ва мақола интишор шуда, тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи мазкурро дар дарсҳои назарию амалӣ ва корҳои мустақилонаи факултетҳои филологияи тоҷик ва педагогика метавон истифода намуд.

Муҳимтарин нуктаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX» (Душанбе, 2021, 18-19 май), «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда» (Душанбе, 2023, 15 апрел ) ва дар семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик баррасӣ гардидаанд.

Матолиби диссертатсия дар оянда метавонад на танҳо барои омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон, балки дар ҳаллу фасли омӯзиши масъалаҳои мазкур дар адабиётшиносӣ имконият фароҳам оварад.

Натиҷаву хулосаҳои илмии ба дастомада метавонад, ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми пажуҳиш дар самти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, адабиёти муосир, ҳамчунин дар матншиносӣ, назарияи адабиёт, сарчашмашиносӣ, робитаҳои адабӣ, баррасии ҷараёнҳову неҳзатҳо дар адабиёти ин давра истифода шавад.

Маводи таҳқиқии мавриди назар дар омода кардани барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ оид ба адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, таҳияи маҷмуаҳои ашъор ва мероси адабии адибони ин давра мусоидат мекунад. Нуктаҳои муҳимми диссертатсия, сарчашма ва манобеи илмию адабии истифодашуда метавонанд дар тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ васеъ истифода шавад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертант бори нахуст афкори адабию эстетикии маорифпарварон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурраэуфи Фитратро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариро дар шакли мақолаҳои илмӣ манзур намудааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар баррасии мавзуъ ва масъалаҳои меҳварӣ ва коркарду тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ зоҳир меёбад.

**Пешниҳоди диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар асоси нақшаи мавзуъҳои илмии кафедра навишта шуда, диссертант ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда муваффақ шудааст. Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 17.03.2023, № 7 тасдиқ шудааст.

Дар маҷлис иштирок доштанд: **16 нафар.**

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» - 16 нафар;

«муқобил» - нест;

«бетараф» - нест.

Протоколи №7 аз 17 марти соли 2023.

**Раисикунанда:** раиси шурои олимони факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, номзади илми филология, дотсент Мирзоалиева А. Ш.

**Ташхисгарон:**

доктори илми филология, профессор мудири кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон Рахманов Б. Р.

номзади илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ Ҳамроев Р. З.

**Котиби ҷаласа:** котиби шурои олимони факултети филологияи тоҷик, номзади илми филология, дотсент Раҳмонов Б. Н.

Имзоҳои Мирзоалиева А. Ш., Рахманов Б. Р., Ҳамроев Р. З. ва Раҳмонов Б. Н.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 (37) 224-13-83. Сомона: www. tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj

Подпись заверяю
Начальник УК ТСУ
Рахимов А.А.